«Мувофиқа шуд»
вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Файзиддин Қаҳҳорзода
аз «12» январи соли 2022

«Тасдиқ шудааст»
Бо фармоиши Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «12» яневари соли 2022, №6-Ф

# Дастурамал
# Дар бораи Тартиби пешбурди ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва пешниҳоди ҳисоботи андозӣ дар шакли электронӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби пешбурди ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва пешниҳоди ҳисоботи андозӣ дар шакли электронӣ (минбаъд – Тартиб) мутобиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 20 ва қисми 2 моддаи 99 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кодекси андоз) таҳия гардида, тартиби пешбурди «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» ва дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намудани ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактураи андоз аз арзиши иловашударо (минбаъд – ҳисобнома – фактура) тавассути хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ муайян менамояд.

2. Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда (минбаъд – ҳуҷраи шахсӣ) ин манбаи иттилоотие мебошад, ки дар сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумитаи андоз) ҷой дода мешавад.

3. Ҳуҷраи шахсии ҳар як андозсупоранда (шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, муассисаи доимии ғайрирезидент ва шахсони хориҷие, ки мустақиман ба шахсони воқеӣ хизматрасониҳои электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд) пас аз ба қайд гирифтан (ба ҳисоб гузоштан) дар мақомоти андоз ташаккул дода мешавад.

4. Пас аз фаъолсозии ҳуҷраи шахсӣ ва то боздоштани фаъолияти он, мақомоти андоз ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳоро тавассути ҳуҷраи шахсӣ ба андозсупоранда ирсол менамояд, ба истиснои ҳолатҳои алоҳида, ки дар Тартиби мазкур пешбинӣ карда шудааст. Бо ҳамин тартиб, андозсупоранда ҳуҷҷат ва маълумотро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд.

5. Ҳангоми аз ҷониби мақомоти андоз ба ҳуҷраи шахсӣ ирсол намудани ҳуҷҷати электронӣ ва маълумот оид ба боздоштани амали ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ё қатъ гардидани истифодаи калиди имзои рақамии электронӣ дастрас гардад, ин ҳуҷҷат ба андозсупоранда дар шакли коғазӣ дар давоми се рӯз аз рӯзи гирифтани маълумоти зикршуда фиристода мешавад.

6. Ҳуҷраи шахсӣ аз ҷониби андозсупоранда барои гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ (пешниҳод ва қабули дархостҳо) бо мақомоти андоз, тартиб додани ҳисоботҳои андоз, аз ҷониби таҳвилкунандагон таҳия ва пешниҳод намудани ҳисобнома – фактура оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, истифодаи анбори электронӣ ва истифодаи дигар шаклҳои хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз истифода мешавад.

7. Андозсупорандае, ки бидуни сабабҳои узрнок эъломияи андоз ё дигар ҳуҷҷатҳоро тариқи электронӣ тавассути ҳуҷраи шахсӣ пешниҳод намекунад, мутобиқи қонунгузории андоз ва Тартиби мазкур барои коркарди хаттии он масъулият дорад.

8. Дохилшавӣ ба ҳуҷраи шахсӣ тавассути низоми муттаҳидшудаи иттилооти андоз тариқи имзои электронии рақамӣ ё муаллификунонии мобилӣ амалӣ карда мешавад. Имзои электронии рақамӣ ба андозсупоранда аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ё сохтори воҳидии он дар асоси ариза ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дода мешавад.

9. Ташкилкунандаи ҳуҷраи шахсӣ Кумитаи андоз ба ҳисоб рафта, татбиқ ва истифодаи он аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз»–и назди Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КВД «МБМА»), ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иҷозатнома оид ба ҳуқуқи додугирифти маълумотҳои кушод ва махфии байни мақомоти андоз ва истифодабарандагон дар доираи пешбурди фаъолияти хизматрасонии воситаҳои ҳифзи криптографӣ пешбинишуда, инчунин санҷиши сертификатҳои кушодаи имзои электронии рақамӣ мебошад, амалӣ карда мешавад.

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

10. Мафҳумҳои асосие, ки дар Тартиби мазкур истифода мешаванд:

– андозсупорандаи электронӣ – андозсупорандае, ки бо мақомоти андоз тариқи электронӣ дар асоси созишномаи бо онҳо басташуда оид ба истифода ва эътирофи имзои рақамӣ ҳангоми мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ҳамкорӣ менамояд;

– дастрасӣ – усул ва воситаи пайвастшавии истифодабаранда ба модули хизматрасонии электронии ҳуҷраи шахсии андозсупоранда;

– логин – номгӯи мухтасари баҳисобгирифташудаи андозсупорандаи электронӣ ба ҳисоб рафта, муносибат ва ҳуқуқҳои дастрасии андозсупорандаро муайян менамояд;

– рамз – маҷмӯи аломатҳо ё калимае мебошад, ки барои тасдиқкунӣ ва ҳуқуқҳои дастрасии андозсупорандаро ба истифодабарии модулҳои алоҳидаи барномаи компютериро муайян менамояд. Рамз барои таъмини бехатарии маълумот ва пешгирии дастрасии беиҷозат истифода мешавад;

– имзои электронии андозсупоранда (минбаъд – ИЭР) – воситаи махсуси криптографии таъмини ҳаққоният, пуррагӣ ва муаллифии ҳуҷҷатҳои электронии андозсупорандаро тасдиқ мекунад;

– муаллификунонии мобилӣ – ин воситаи дастрас намудани логин ва рамзро ба шакли СМС–паёмак ба телефони мобилӣ қабул менамояд;

– ҳуҷҷати электронии андозсупоранда – ҳуҷҷати мутобиқи шакли муқарраршудаи электронӣ тартиб, пешниҳод, рамзгузорӣ ва бо имзои электронӣ тасдиқ кардашуда, ки пас аз қабул ва тасдиқ шудани дурустии он эътибори ҳисоботӣ дорад. Асли будани ҳуҷҷати электронии андозсупоранда танҳо дар ҳомили электронии махзани электронии мақомоти ваколатдори давлатӣ мавҷудбуда дониста мешавад. Нусхабардории асл ё нусхаи ҳуҷҷати электронӣ, ки ба таври дахлдор тасдиқ карда нашудааст, эътибори ҳуқуқӣ надорад;

– анбори электронӣ – модули барномаи компютерие, ки дар заминаи ҳисоботи муҳосибӣ барои муайян намудани баҳисобгирии дурусти муомилоти молу маҳсулоти андозсупорандагон ва манбаъҳои андозбандӣ истифода бурда мешавад;

– XML – забони кушоди аломатгузорӣ, андозаи байналмилалии аломатгузорӣ ҳангомӣ мубодилаи маълумотҳо истифодашаванда;

– Web – хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электронӣ, ки тавассути интернет расонида мешаванд;

– истифодабарандагон – андозсупорандагон, агентҳои андоз, мақомоти андоз ва дигар мақомот, ки барои ҳисоб ва (ё) ҷамъоварии намудани андозҳо ваколатдор мебошанд;

– таъминоти барномавӣ – қисм ё ҳамаи барномаҳо (модулҳо), тартиб, расмиёт, қоидаҳои ба ҳуҷҷагузории системаи коркарди маълумотҳо мутобиқ;

– ҳисобнома – фактураи электронӣ – ҳуҷҷате мебошад, ки бо истифода аз шабакаи электронӣ бо имзои электронӣ, тавассути таҷҳизоти мубодилаи электронии маълумот пешниҳод мешавад. Ҳуҷҷати мазкур дорои замимаҳои нусхаи электронии ҳуҷҷати қоғазӣ буда, тавассути ҳуҷраи шахсӣ ва ё дилхоҳ шабакаи электронӣ, ки заминаи эътимоднокро барои санҷиши вобастагии байни ҳисобнома – фактура ва таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) фароҳам меорад, ирсол мегардад.

11. Бақайдгирӣ ва пайвастшавии истифодабарандагон ба ҳуҷраи шахсӣ, пешниҳод ва қабули ҳисоботҳо (эъломияҳо)-и андоз ва ҳисобнома – фактураҳо, тартиби пешниҳоди иттилоот ба шакли муайян мутобиқи меъёр ва андозаҳои тасдиқнамудаи Кумитаи андоз дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ тавассути хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ амалӣ карда мешавад.

12. Барои истифодабарии ҳуҷраи шахсӣ мавҷудияти воситаҳои техникии ба тарафҳо мувофиқ, аз ҷумла дорои имконияти қабул ва коркарди ҳисоботи андоз, ҳисобнома – фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо тибқи тартиб ва шаклҳои тасдиқгардида муҳим мебошад.

13. Пешниҳоди ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома – фактура дар шакли электронӣ бо истифода аз низоми муттаҳидаи иттилоотии андоз фаъолияти андозсупорандагонро сода намуда, ба самаранокии маъмурикунонии андозҳо ва тартиби назорати фосилавии амалиётҳои андозсупорандагон мусоидат менамояд.

14. Тавассути хуҷраи шахсӣ ва дар шакли электронӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома – фактура ба андозсупоранда имконияти кам намудани хароҷотҳо оид ба пешниҳоди ҳисоботҳо ба

мақомоти андоз, нигоҳдорӣ ва ҷустуҷӯи ҳисоботҳои заруриро дар махзани электронӣ фароҳам меоварад.

## 3. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ АНДОЗӢ ВА ҲИСОБНОМА – ФАКТУРА ДАР ШАКЛИ ЭЛЕКТРОНӢ

15. Ҳисоботи андоз ҳуҷҷате мебошад, ки ба он ариза, ҳисобҳо ва эъломияҳо оид ба низомҳои андозбандӣ, ҳар як намуди андоз ё оид ба даромадҳои пардохтшуда, инчунин замимаҳо ба ҳисобҳо ва эъломияҳои андозҳо, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз тартиб дода шудаанд, дохил мешаванд.

16. Тартиби пешниҳод намудани ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома – фактура дар шакли электронӣ тартиби умумии ташкили мубодилаи иттилоот ҳангоми аз ҷониби истифодабарандагон пешниҳод намудани эъломияи андозӣ ва ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро дар шакли электронӣ тавассути хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ муайян менамояд.

17. Муносибат байни иштирокчиёни мубодилаи ҳуҷҷати электронӣ дар рафти пешниҳоди ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома – фактура дар шакли электронӣ мутобиқи Кодекси андоз, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Тартиби мазкур ба танзим дароварда мешаванд.

18. Шакли электронии пешниҳоди эъломияҳо аз тарафи Кумитаи андоз тасдиқ гардида, барои истифодаи андозсупорандагон дар сомонаи расмии Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда мешавад.

## 4. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ МУБОДИЛАИ ҲУҶҶАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ҲАНГОМИ АЗ ТАРАФИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН ПЕШНИҲОД ГАРДИДАНИ ҲИСОБОТИ АНДОЗӢ ВА ҲИСОБНОМА–ФАКТУРА ДАР ШАКЛИ ЭЛЕКТРОНӢ БА ВОСИТАИ ХАТҲОИ АЛОҚАИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНӢ

19. Тартиби пайдарҳамии гардиши ҳуҷҷати электронӣ бо ИЭР ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактураҳо дар шакли электронӣ ба воситаи хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ номгӯи ҳатмӣ, вазифаҳо ва даврияти иҷрои онҳо барои ҳар як иштирокчии муносибатҳо, ки иҷрои онҳо дар таъминоти барномавии дахлдор бояд таъмин карда шавад, муайян менамояд. Инчунин иҷрои талаботҳо вобаста ба:

– тавсифи фаслии иҷрои вазифаҳо;

– таъминоти барномавӣ аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳо истифодашаванда ҳангоми мубодилаи ҳуҷҷати электронӣ дар модулҳои барномавӣ, санҷиш ва назорати мутобиқати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои андозсупорандагон ба талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо;

– ҳамкории Кумитаи андоз ва иштирокчиён ҳангоми ба миён омадани ҳолатҳои ғайримуқаррариро танзим менамояд.

20. Ҳангоми аз андозсупоранда қабул намудани ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура дар шакли электронӣ, агар ҳама талаботҳои пур кардани ҳисобот ва ҳисобнома–фактура комилан мувофиқ бошанд, барнома тариқи автоматӣ бо дарҷи сана ва вақти қабули маълумот дар

Кумитаи андоз бо муваффақият қабул гардидани ҳисоботи андозӣ ба андозсупоранда огоҳинома (хабар)-и электронӣ ирсол менамояд.

21. Агар дар муддати як шабонарӯз аз давраи ирсоли ҳисобот, андозсупоранда огоҳиномаи (хабари) электронӣ оид ба қабул гардидани ҳисоботи андозиро қабул накарда бошад, ӯ уҳдадор аст, ки мақомоти андозро дар ин хусус огоҳ намояд ва дар сурати зарурат тартиби пешниҳоди ҳисоботро такрор намояд.

22. Ҳисоботи андозӣ ё ҳисобнома–фактура дар шакли электронӣ қабулнашуда ҳисобида мешавад, агар онҳо мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва Тартиби мазкур таҳия ва пешниҳод карда нашуда бошанд.

23. Ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура ба мақомоти андоз пешниҳодгардида ҳисобида мешаванд, агар андозсупоранда тавассути ҳуҷраи шахсӣ тасдиқи электронӣ қабул карда бошад.

24. Барои пешниҳоди ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура дар шакли электронӣ байни Кумитаи андоз ё КВД «МБМА» бо андозсупоранда созишнома оид ба мубодилаи ҳуҷҷати электронӣ тавассути модули «Ҳучраи шахсии андозспоранда», тибқи талаботи Кодекси андоз ва қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида мешавад.

25. Созишнома мавзеи ҳамкориҳои дуҷонибаи тарафҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, тартиби гузаронидани чораҳои профилактикӣ, ҷавобгарии тарафҳо, тартиби ҳалли вазъи ихтилофҳо ва баҳсҳо, инчунин муҳлати амали онро муқаррар менамояд.

26. Барои андозсупорандагони низоми умумӣ пешниҳод намудани ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактураҳо дар шакли электронӣ ҳатмӣ буда, пешниҳоди ҳисоботҳо дар шакли қоғазӣ манъ аст.

27. Дигар андозсупорандагон ҳуқуқ доранд шакли қоғазии ҳисоботи андозиро мутобиқи талаботи пешбининамудаи қонунгузории андоз ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ пешниҳод намоянд.

28. Ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура дар шакли электронӣ мутобиқи Тартиби мазкур истифодабарандагон ва мақомоти андоз нигоҳдории онро дар шакли электронӣ бо тартиб ва муҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз таъмин менамоянд.

29. Пешниҳоди ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура дар шакли электронӣ бо истифодаи муаллификунонии мобилӣ ё ИЭР, ки дорои имконияти муайян намудани саҳеҳияти муаллифии ҳуҷҷати электронӣ, инчунин қабул ва коркарди ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо мебошад, иҷозат дода мешавад.

30. Ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи андозӣ дар шакли электронӣ, ҳуҷҷати электронӣ бояд бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби роҳбар ё шахси ваколатдори он тасдиқ карда шавад.

31. Ҳуқуқи имзои ҳуҷҷатҳо барои иштирокчиёни мубодилаи ҳуҷҷати электронӣ тариқи ИЭР ба андозсупорандае (намояндаи вай) дода мешавад, ки ваколати онҳо аз ҷониби КВД «МБМА» муайян (тасдиқ) карда шудаанд.

32. Бо мақсади ҳифзи маълумотҳои дар ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура дарҷ гардида, ҳангоми интиқоли он бо хатҳои алоқаи

телекоммуникатсионӣ, иштирокчиёни мубодилаи ҳуҷҷати электронӣ воситаҳои ҳифзи криптографии маълумот ё дигар воситаҳои ҳифзи иттилооти тибқи қонунгузорӣ муқарраргардидаро истифода мебаранд.

## 5. ИНТИҚОЛИ ҲИСОБОТИ АНДОЗӢ ВА ҲИСОБНОМА–ФАКТУРА БО ХАТҲОИ АЛОҚАИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНӢ ВА ТАЪМИНОТИ БАРНОМАВӢ АЗ ТАРАФИ АНДОЗСУПОРАНДА

33. Ҳангоми пешниҳоди ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура амалҳои зерин пай дар пай иҷро карда мешавад:

– ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура дар шакли электронӣ тибқи шакл ва тартиби тасдиқшудаи пуркунӣ таҳия шуда, дар махзани маълумотҳо нигоҳ дошта мешавад;

– баъди муайян намудани саҳеҳии ИЭР ба андозсупоранда барои таҳия ва сабткунии электронии ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура дар модули хизматрасонии ҳуҷраи шахсӣ дастрасӣ дода мешавад;

– пас аз коркард ва қабули бомуваффақияти маълумотҳо дар системаи аз тарафи мақомоти андоз, эъломияи андоз ва ҳисобнома–фактура ҳамчун «қабулгардида» қайд карда мешавад;

– пешбурди ҳисоботҳо аз рӯи ҳама намуди эъломияҳо, инчунин аз рӯи шаклҳои эъломияи андоз аз арзиши иловашуда дар асоси замимаҳои ба эъломияҳо пуркардашуда ташаккул дода мешавад;

– имконияти чопи ҳама намуди эъломияҳо ва шаклҳои замимаҳои эъломияи андоз аз арзиши иловашуда дар намудҳои қабулнамудаи Кумитаи андоз пешбинӣ карда шудааст.

## 6. ҚАБУЛИ ҲИСОБОТИ АНДОЗӢ ВА ҲИСОБНОМА–ФАКТУРА ДАР ШАКЛИ ЭЛЕКТРОНӢ БО ХАТҲОИ АЛОҚАИ ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНИИ ТАЪМИНОТИ БАРНОМАВӢ АЗ ТАРАФИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

34. Модули ҳуҷраи шахсӣ барои истифодаи истифодабарандагоне, ки пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии муқарраргардидаро анҷом медиҳанд, пешбинӣ гардидааст.

35. Модул бояд иҷрои вазифаҳои зеринро таъмин намояд:

– ташкили системаи муттаҳидаи иттилоотӣ барои истифодаи истифодабарандагони гуногун (шахсони воқӣ, ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, муассисаи доимии ғайрирезидент ва шахсони хориҷие, ки мустақиман ба шахсони воқеӣ хизматрасониҳои электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд);

– фароҳам овардани шароит оид ба интихоби ҷудогонаи зерсистемаи дар системаи муттаҳидаи иттилоотӣ;

– ҳисобкунии андозҳо тибқи эъломияҳои андоз;

– таҳияи ҳисоботи андоз ва ҳисобнома–фактура дар шакли ҳуҷҷати электронӣ бо муаллификунонии мобилӣ ва ё истифодаи ИЭР мутобиқи сохтори муқарраршуда;

– интиқоли электронии ҳисоботҳои андоз ва ҳисобнома–фактураҳо оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо бо истифодабарии воситаҳои ҳифзи криптографии маълумотҳо барои коркард, боркунии маълумотҳои коркардшуда;

– пешбурди махзани электронии ҳисоботҳои андоз ва ҳисобнома–фактураҳо бо вазифаҳои ҷустуҷӯй, азназаргузаронӣ, чопи ҳуҷҷатҳо;

– дар Кумитаи андоз барпо намудани захираи автоматикунонидашудаи иттилоот.

36. Дар ҳолати аз андозсупоранда қабул намудани XML–ҷараён, Web–хизматрасониҳо амалӣ зеринро иҷро менамоянд:

– санҷиши ИЭР оид ба тағйирнопазирии маълумотҳо ҳангоми ҷойивазкунии маълумотҳо дар хатҳои алоқаи телекоммуникатсионӣ;

– санҷиши воқеияти андозсупоранда аз рӯи маълумотҳои дар барномаи Кумитаи андоз пешбинигардада аз рӯи рақами мушаххас;

– коркарди маълумотҳои ҳуҷҷати электронии қабулгардида ва интиқолёфта ба махзани электронӣ, ки дар он санҷиши иловагӣ оид ба мутобиқати навъи ҳама майдонҳо ва нусхаҳои ҳуҷҷатҳо;

– гузаронидани ҳисоботҳои электронии қабулгардида ба ҳисобварақаи шахсии андозсупоранда ва махзани захиравии мақомоти андоз;

– коркард ва нигоҳдошти ҳисоботҳои электронӣ аз ҳуҷҷати электронии боркардашуда ба ҳомили рақамии андозсупоранда.

37. Аз рӯи натиҷаи коркарди ҳисоботи андоз тавассути маҷмааи барномавӣ оид ба бомуваффақият нигоҳ доштан ё саҳв будани он хабар ташаккул дода шуда, ба андозсупоранда ирсол карда мешавад.

## 7. ҲАЛАТҲОИ ИСТИСНОИИ ИСТИФОДАИ ҲУҶРАИ ШАХСӢ ВА ПЕШНИҲОД НАМУДАНИ ҲИСОБОТИ АНДОЗӢ ВА ҲИСОБНОМА–ФАКТУРА

38. Дар ҳолатҳои зерин дастрасӣ ҷиҳати истифодаи ҳуҷраи шахсӣ, пешниҳод намудани ҳисоботи андозӣ ва ҳисобнома–фактура манъ аст:

– мавҷуд набудани созишнома оид ба истифодаи модули «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда»;

– тасдиқ нагардидани ИЭР ё риоя накардани шарту талаботҳои муқаррарнамудаи созишнома оид ба истифодаи ҳуҷраи шахсӣ;

– ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта нашудани субъекти хоҷагидор;

– ҳангоми дар рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият қарор доштани андозсупоранда;

– анҷом додани амалиётҳои моҳияти назарраси иқтисодӣ надошта ё бе анҷом додани амалиёт пешниҳод намудани ҳисобнома–фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо;

– риоя накардани тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андозӣ;

– ҳангоми тибқи талаботи қонунгузорӣ аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ хориҷ намудани субъектҳои хоҷагидории бефаъолият.

## 8. ТАЛАБОТ БА НИГОҲДОРИИ ҲУҶҶАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

39. Ҳуҷҷатҳои электронии ирсолгардида ва қабулгардида бо ИЭР бояд дар махзани электронӣ дар якҷоягӣ бо сертификатҳои калиди кушоди имзои электронӣ нигоҳ дошта шавад.

40. Ҳуҷҷатҳои электронӣ дар махзани электронӣ дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешавад.

41. Огоҳиномаҳо оид ба қабули ҳисоботҳои андозӣ дар махзани электронӣ дар давоми мӯҳлати даъвои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз нигоҳ дошта мешавад.

42. Таъминоти барномавӣ иштирокчиёни ҳамкории иттилоотиро бо ҷустуҷӯй, азназаргузаронии визуалӣ, нигоҳдорӣ дар ҷузъдон ва чопи ҳуҷҷатҳои электрониро аз махзани электронии ҳуҷҷатҳо таъмин менамояд.

43. Таъминоти барномавӣ иштирокчиёни ҳамкории иттилоотиро дар асоси хусусиятҳои ҳуҷҷати электронии интихобшуда аз махзан ба ҳомили берунаи рақамии электронӣ боркунии маълумотҳоро таъмин менамояд.